# ТАҚРИЗ

**ба автореферати довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот Холбойзода Фатҳиддин Холбой дар мавзуи “Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик”**

Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, ки давраҳои охири асри XVII ва ибтидои асри XVIII-ро дар бар мегирад, дар ҳақиқат замоне эҷод шудааст, ки дар Ҳиндустон рӯйдодҳои зиёди таърихӣ ба вуқуъ омадаанд. Умуман шароити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давра на танҳо ба ташаккул ва рушди афкори педагогӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил, балки умуман ба муҳити илмӣ ва ҳаёту эҷодиёти кулли адибону мутафаккирони ин давр таъсири хеле калон расонидааст. Ҳамин нуктаро бояд қайд кард, ки ҷараён ва ҳаракатҳои гуногун, ки дар Ҳиндустон дар ин давра амал мекарданд ба баланд рафтани мақом ва нақши ҷамъиятӣ-сиёсии дини ислом бавосита ё бевосита алоқамандӣ доштанд.

Кори таҳқиқотии Холбойзода Фатҳиддин Холбой маҳз ба пажуҳиши ҳамин масъалаҳо бахшида шуда, бо андешамеҳвари муайянкунии ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва равишҳои татбиқи афкори таълимӣ ва тарбиявии ин мутафаккир барои хонандагони синфҳои болоии мактабҳо тарҳрезӣ ва амалӣ шудааст.

Муаллиф ақидаҳои педагогӣ ва шеваҳои таъсиррасони корбурди эҷодиёти шоир, файласуф ва мутафаккири номвари адабиёти классикии тоҷику форс Мирзо Абдулқодири Бедилро дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ, авторефарати диссертатсия ва мақолаҳои нашршуда ба хубӣ инъикос карда тавонистааст. Корҳои озмоишӣ-таҷрибавие, ки диссертант бо иштироки хонандагони макотиби гуногун гузаронида аст, мувофиқи нақшаи технологияи муайянкунии таносуб ва тамоюли индикаторҳои равонии хонандагон дар машғулиятҳо мебошад ва натиҷаву тавсияҳои пешниҳодшуда аз дурустӣ ва мубрамияти кор дарак медиҳанд.

Аз автореферат ва тавсифи муфассали муҳтавои таҳқиқот маълум мегарад, ки Холбойзода Ф.Х. дар меҳвари диссертатсия ба хулосаи назарраси илмӣ расида, ибтидо заминаҳо ва омилҳои таъсири замон ба ақидаҳои педагогии Бедилро муайян кардааст. Аз ҷумла, маълум кардааст, ки дар ин давра мубориза҇ҳои байни дину мазҳабҳо хеле ташаннуҷ дошта, адибону мутафаккирон, аз ҷумла Бедилро водор сохтааст, ки тавассути эҷодиёти худ, мардумро ба роҳи маърифат,

худшиносиву худогоҳӣ, меҳанпарастӣ ва дур будан аз хурофоту тангназарӣ даъват намоянд. Яъне мутафаккирони пешқадами давр, ба муқобили таассуб, махсусияти динӣ ва нажодӣ, зулму фишор баромад мекарданд. Ба онҳо шоирон ва ходимони намоёни давр, ба монанди Муҳаммад Эзот, Ғулом Алихон Озод, Мирзо Мазҳар, Ҷони Ҷопон, Ҳаким Лоҳурӣ, Сироҷиддини Алихон Орзу, Мирзо Муҳаммад Афзал Собит, Мирзо Абдулғанӣ Кобули Кашмирӣ ва дигарон мансуб мебошанд.

Ҳамчунин, назарияи ахлоқ аз назари Мирзо Абдулқодири Бедил низ дар ин рисола, равшан маълум карда шудааст, ки инсон бояд ба дараҷаи камолот бирасад. Дар сиришти инсон арзишҳои маънавӣ-ахлоқие арзи вуҷуд доранд, ки ба василаи онҳо ӯ бояд дар зиндагӣ некиву накукориро бунёд созад. Аз диди Мирзо Абдулқодири Бедил фаҳму дарк ва ташаккули хислатҳои неки маънавӣ-ахлоқӣ ин роҳи асосии расидан ба камолот мебошад. Яъне эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил барои омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ақоиди маънавӣ-ахлоқии классикони мо дар таълиму тарбияи насли ҷавон аҳаммияти хеле назаррас дорад.

Бояд қайд намуд, ки саволнома ва пурсишномае, ки аз ҷониби диссертант барои кори озмоишӣ тартиб дода шудааст ҷолиб мебошад ва он хонандагонро водор кардааст, ки ба пурсишҳо ҷавобҳои дақиқ пешниҳод кунанд. Ин махсусият низ аз бартариятҳои кори таҳқиқӣ ба шумор меравад.

Дар маҷмуъ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки диссертант дар муқаддимаи автореферат овардааст, аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуъро комилан тасдиқ кардааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои пешниҳодшуда низ аз анҷомёбии ҳадафу мақсадҳои пешгузоштаи илмӣ хабар медиҳанд.

Хулоса автореферати доктории (Phd) Холбойзода Фатҳиддин тибқи талаботи Низомнома ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Муҳтавои кор дар доираи ду боб ва 7 фаслу зерфасл, хулосаву натиҷаҳои собитшуда анҷом ёфтааст. Диссертант нуктаҳои тозаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии инсонро аз матни осори адабӣ-педагогии Абдулқодири Бедил ҷустуҷӯ карда, роҳҳои татбиқи онро барои хонандагон нишон дода тавонистааст.

Албатта, дар автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ба назар мерасанд ва боварӣ дорем, ки муаллиф аз онҳо огоҳ гардида, дар ислоҳи онҳо кушиш кардааст.

Хулоса, маълум аст, ки мавзуи интихобнамуда ва кори анҷомдоаи диссертатнт ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ аст ва муаллифи рисола сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Рузиева Лола Толибовна
7.02.2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Телефон:** (+992) 945 8810 88
**E-mail:** akila.ru@mail.ru

*Имзои Л.Т.Рузиева-ро тасдиқ мекунам*

Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.